# АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел.: (99237) 221-50-83, 221-50-84, факс: 221-49-11, 227-27-28.
E-mail: president@anrt.rj, sarkotib@anrt.tj


№_________________аз «____» ________ соли 2021

## МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон рӯзҳои 5-6 сентябри соли 2021 бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Симпозиуми байналмилалии илмиро дар мавзӯи **«Тоҷикистон дар масири таърих: истиқлолият, дастовард ва дурнамо»** баргузор менамояд.

Мақсади баргузории симпозиум баррасии илмӣ ва мавриди муҳокима қарор додани масъалаҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлол дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар (бо назардошти ҳамаи мушкилот ва дастовардҳо) ва дурнамои рушди он мебошад.

Дар ҷаласаҳои бахшӣ (сексионӣ) масъалаҳои зерин баррасӣ ва муҳокима карда мешаванд:

**Бахши 1.** Нигоҳи нав ба таҳқиқи таърих ва тамаддуни халқи тоҷик;

**Бахши 2.** Ташаккул ва такмили заминаҳои ҳуқуқии таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва давлатдории миллӣ;

**Бахши 3**. Таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон ва таъмини ваҳдати миллӣ;

**Бахши 4.** Ташаккули лидери умумимиллӣ: нигоҳи таърихӣ ва фалсафӣ;

**Бахши 5**. Сиёсати иҷтимоии давлат: самаранокии татбиқи он дар шароити соҳибистиқлолӣ;

**Бахши 6**. Иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ: аз баркарорсозӣ ба сӯи рушди устувор;

**Бахши 7**. Рушди маориф – самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат;

**Бахши 8.** Самтҳои афзалиятноки рушди илм ва техноголия дар замони соҳибистиқлолӣ;

**Бахши 9.** Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ воситаи таҳкими иқтисоди миллӣ;

**Бахши 10.** Эҳёи фарҳанги миллӣ ва арҷгузорӣ ба ёдгориҳои таърихиву бостонӣ;

**Бахши 11.** Тоҷикистон - субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ: сиёсати хориҷии бисёрқутба ва ташаббусҳои созанда.

Талаботи умумӣ ба мақолаҳои илмии пешниҳодшаванда барои ворид кардан ба маҷмӯаи Симпозиум чунин муқаррар карда шавад:

Ҳаҷми мақола бояд то 10 саҳифаи компютернавис бошад. Иқтибосҳо дар охири матн оварда мешаванд. Ному насаби муаллиф дар кунҷи болоии тарафи рости саҳифа баъди номи мақола ҷойгир карда мешавад. Андозаи ҳошия аз чап 30 мм, рост – 10 мм, болоӣ -20 мм, поёнӣ – 20 мм. Фосилаи байни сатрҳо 1. Кегл -14. Шрифт: Times New Roman (бо забонҳои русӣ ва англисӣ), Times New Roman Tj (бо забони тоҷикӣ). Протсессори матнӣ - Word.

Забонҳои кории Симпозиум: тоҷикӣ, русӣ, англисӣ мебошанд.

Мӯҳлати ниҳоии ирсоли мақолаҳо то 30 апрели соли 2021.

Суроғаи электронӣ ҷиҳати қабули мақолаҳо: rakesh-23@mail.ru

Масъули тамос: Зиёев С.

Рақами телефонҳо барои тамос: (+992) 92-704-09-08,
(+992) 919-81-02-12

**Замима**

Дархост
барои иштирок дар Симпозиуми байналмилалии илмӣ
дар мавзӯи **«Тоҷикистон дар масири таърих: истиқлолият, дастовард ва дурнамо»**

| | |
|---|---|
| **Ному насаб** | |
| **Дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ** | |
| **Маълумотномаи мухтасари биографӣ** | |
| **Ҷойи кор, вазифа** (номи пурра) | |
| **Нишони хизматӣ ва рақами телефон** (барои хориҷиён ҳатман бо нишон додани код) | |
| **Суроғаи зист ва рақами телефон** (барои хориҷиён ҳатман бо нишон додани код); **E-mail,** **рақами телефони мобилӣ** | |
| **Соҳаи илм** | |
| **Мавзӯи маърӯза дар симпозиум (бо нишон додани бахш)** | |
| **Иттилооти иловагӣ** | |